## Истифода аз низоми Ҳукумати электронӣ - яке аз чораҳои паст намудани сатҳи коррупсия

Истифода аз низоми ҳукумати электронӣ, яке аз имкониятҳо оид ба паст намудани амалҳои коррупсионӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мавҷи афзояндаи ин падидаи номатлуб чораҳои пешгирии омилҳои ба қонуншиканиҳо мусоидаткунандаро ба миён оварда, пешрафти фаъолиятро дар ҳамагуна соҳаҳои мухталифи ҷомеа инкишоф медиҳад.

Аслан пешгирӣ - маънои таблиғи доимӣ бо мардумро дорад ва ҷазо системаи устувори ҳифзи ҳуқуқ ва судро пешбинӣ мекунад, ки метавонанд, эътимод ва мустақилиятро таъмин намоянд [1].

Имрӯз сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ифодакунандаи иродаи ҳокимият ба ҳисоб меравад, дар самти таъмини низоми электроникунонӣ ва хизматрасониҳои электронии давлатӣ, тақвият меёбад.

Ин тадбирҳо, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқаманд равона гардида, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ нигаронида шудааст.

Дар ин замина, сатҳу сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ ва дастрасиву шаффофияти он мебояд ба талаботи муосир ва арзу ниёзи мардум мувофиқ ва наздик бошад.

Хизматрасониҳои электронии давлатӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ иттиллотро фаро гирифта, яке аз шохаҳои иттилоотӣ мебошад, ки ҳоло дар марҳилаи шаклгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ заминагузориҳо ҳанӯз аз соли 2003 таҳрезӣ гардида, барои омода намудани мутахассисони соҳавӣ дар ин самт, тадбирҳои мушаххасу мақсаднок роҳандозӣ шудааст. Дар ин самт, фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии

Тоҷикистон”[2] аз соли 2003 ба тасвиб расида, “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”[3] тасдиқ ва робита ба ин шабакаи ягонаи давлатии байни мақомоти идоракунӣ, таъсис ва пайваст карда шудааст.

Бинобар ин, ҳанӯз ҳам барои ташаккули низоми мукаммали ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси технологияҳои иттилоотии муосир боэътимод ва бехатар гузаштан ба шаклҳои электронии мубодилаи маълумотҳо, рушди соҳаи хизматрасониҳои электронӣ, ҳамкориҳои тарафайн бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ, татбиқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси марказҳо, баҳри пешкаш намудани хизматрасониҳои электронии давлатӣ аз рӯйи усули “равзанаи ягона” дар тамоми минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани ихтисоси кормандон, истифодаи имзои электронии рақамӣ, васеъ намудани хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ барои ҷомеа хеле муҳим мебошад.

Ҳукумати электронӣ низоми электронишудаи хизматрасониҳои электронии давлатиест, ки таъмини шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, сарфаи буҷаи давлатӣ ва мустаҳкам намудани алоқаи байни шаҳрвандон ва давлатро вусъат дода, метавонад, ҳама гуна монеаҳои сунъиро кам ва ё бартараф намояд.

Амалигардии ин тадбир ҳамчун барномаи дарозмуддат ҷиҳати тағйир додани низоми хизматрасониҳои давлатӣ, марказонии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон мебошад, ки хизматрасонии зуд, боэътимод, беҳтар, арзон ва дастрасро ба ниёзмандон амалӣ менамояд.

Аз рӯйи таҳлилҳои оморӣ, аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ба 13 миллион мерасад[4], ки ин омилҳои субъективӣ ва объективиро фаро гирифта, ҳангоми бартараф накардани усулҳои анъанавии хизматрасониҳои давлатӣ мушкилиҳо дучанд хоҳанд шуд. Бинобар ин, ҳадафи асосии таъсис ёфтани ҳукумати электронӣ низ таъсиррасонии мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад, ки ҳарчи бештар, иҷрои хизматрасониҳо бемамоният ба таври шаффоф таъмин ва омилҳои бавуҷудоварандаи хароҷотҳои зиёдатӣ, ҳамчунин коррупсионӣ аз байн бардошта шавад.

Муасаллам аст, ки пахши иттилооот ва ё маълумот бо истифода аз компютер, телефон, интернет ё шабакаҳои иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд. Бинобар ин, дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, масъалаи таъмини амнияти маълумот ва пешгирии қонуншиканиҳо яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Зеро пешрафти технологияҳои муосир барои дастрас намудани иттилоот ва ё хизматрасониҳои электронӣ, ки сол аз сол дар ҷомеаи ҷаҳони инкишоф ёфта истдааст, метавонад ба амнияти одамон ва мақомоти давлатӣ таҳдид намояд. Ин ҳолат аз ҷониби бархе аз қаллобон ба миён омада, бо мақсадҳои ғаразнок ва манфиатҳои молию пулӣ, дуздии маълумоти шахсӣ, гирифтани ному насаб, рақами корт, рамзҳо ё аксҳоро бе иҷозат амалӣ менамоянд, ки тибқи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ, ҷиноят эътироф карда мешавад.

Солҳои охир, чунин ҷиноятҳо рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифта истодааст. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амалҳои шахсоне ба қайд гирифта шудааст, ки ба чунин кирдорҳои ношоиста ва ғайриқонунӣ даст доронад.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ соли 2025, 468 ҷинояти ба воситаҳои шабакаҳои иттиллотию коммуникатсионӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2024, 36 адад зиёд мебошад. Аз ин шумор 53 адад пурра ҷиноятҳои киберӣ мебошанд, ки онҳо бо аломатҳои моддаҳои 298 - 301 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ, тағйир додани иттилооти компютерӣ, тахриби компютерӣ ва ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ баҳои ҳуқуқӣ дода шудаанд[5].

Ҷиноятҳои киберӣ яке аз навъҳои муосири ҷинояткорӣ, на танҳо ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, амнияти иттилоотӣ ва иқтисодии давлатҳо таҳдид менамоянд, балки ба эътимоди ҷомеа ва муҳити рақамӣ, рушди иқтисоди рақамӣ, инчунин истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки афзоиши ин номгӯйи ҷиноятҳо бештар дар шароите мушоҳида мегардад, ки сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва саводнокии рақамии аҳолӣ паст буда, шаҳрвандон аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар фазои иттилоот ба қадри кофӣ огоҳ нестанд. Дар чунин вазъ, истифодаи усулҳои инфиродӣ дар алоҳидагӣ барои муқовимат бо ҷиноятҳои мазкур самараи дилхоҳ намедиҳад ва зарурати татбиқи чораҳои пешгирикунанда, аз он ҷумла баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии рақамӣ, ба миён меояд.

Дар ин замина, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани соли 2027 ҳамчун “Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ”, эълон гардидан ва қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ аз 12 декабри соли 2025 дар ин самт, барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба ҷиноятҳои тавассути шабакаҳои иттилоотӣ содиршаванда, аҳамияти махсус дорад, ки амалӣ намудани он барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии ҷомеа мусоидат менамояд[6].

Имрӯзҳо бо мақсади кафолат додан ва дастрасӣ ба мақомоти давлатӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, системаҳои электронии идоракунӣ ё ҳукумати электронӣ бомуваффақият татбиқ карда мешавад. Барои мисол, дар соҳаи истифодаи ҳукумати электронӣ Кореяи Ҷанубӣ дар ҷаҳон ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекунад, ки онро соли 1978 ҷорӣ намуд ва аз соли 2008 инҷониб, ҳукумати электронии ҳамагиро дар амал бомуваффақият истифода мебарад.

Дар Кореяи Ҷанубӣ системаи электронии фаъолияти давлатӣ дар соҳаи харид /www.g2n.go.kr/, хизматрасониҳои электронӣ барои баррасмиятдарории гумрукӣ /portal.customs.go.kr/, системаи электронии андоз /hometax.go.kr/, хизматрасонии интернетӣ барои шаҳрвандон /www.egov.go.kr/, низоми электронии баррасии арзу шикоятҳо /www.epeople.go.kr/, низоми ягонаи электронии пешбурди тиҷорат /www.g4b.gp.kr/, шабакаи ягонаи иттилооти маъмурӣ /www .share.go.kr/ ва ғайра амал менамояд[1].

Ба андешаи мо, истифодаи фаъоли системаҳои электронии дар боло зикршуда дар соҳаи хизматрасониҳои электронӣ шаффофиятро боз ҳам зиёд намуда, бюрократияро коҳиш дода, дастрасии зуд ва боэътимоди

хизматрасониҳои электронии давлатиро ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки ин бешубҳа яке аз таҷрибаҳои муваффақи пешгирии коррупсия ба ҳисоб меравад.

Инчунин, дар давлатҳои пешрафта, ба монанди Австралия, Австрия, Белгия, Дания, Канада, Норвегия, Нидерланд, ИМА, Ҷопон, принсипи шаффофияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ қонунан муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он мақомоти давлатӣ уҳдадоранд бо дархости шахсони манфиатдор иттилооти заруриро оид ба фаъолияти идоракунӣ пешниҳод намоянд, ба истисноит иттилооте, ки сирри давлатӣ ва тиҷоратиро ташкил медиҳад[7].

Таъсиси системаи феҳристҳои эъломияҳои электронӣ, ки комилан тамоми амалиёти амволи шахси мансабдорро давоми як сол нишон медиҳад, яке аз усулҳои самарабахш барои пешбурди фаъолият ва ҳамкориҳои тарафайн байни шаҳрвандон ва мақомоти ваколатдор мебошад. Ин тадбир нуқсонҳои мавҷударо бо роҳи шаффоф ва бартараф кардани расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ беҳтар намуда, шахсони манфиатдор оид ба пинҳон кардан ва ё нодуруст арзёбӣ намудани молу амвол, ҳангоми бақайдгирии дороиҳо аз ҳама гуна ҳавасмандӣ барои амалҳои коррупсионӣ маҳрум мегарданд.

Робита ба ин, вақте ки муқовимат ба таври ҳамаҷониба, яъне тавассути ошкорро ва барномаҳои электроникунонидашуда дар ҳама самтҳо гузаронида мешавад, натиҷаҳои хуб ба даст овардан мумкин аст. Чуночӣ, дар муассисаҳои таълимии касбию техникӣ ва олӣ, ба хусус дар соҳаи маориф ва илм. Натиҷаҳои он ба камол расонидани насли ояндаи донишманд мебошад, ки минбаъд барои соҳаҳои мухталифи ҷомеа мусоидат карда метавонад.

Ин иродаи сиёсиро барои муқовимат ба коррупсия талаб менамояд. Бинобар ин, дар баробари амалӣ гардидани хизматрасониҳои электронӣ, зарур аст, ки татбиқи он дар санадҳои қонунгузорӣ таъмин ва мустаҳкам карда шавад. Дар ин самт, иштирок ва ҳамкориҳои тарафайн дар муқовимат ба коррупсия, риояи талаботи ҳуҷҷатнигорӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъмин гардида, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иштироки онҳо дар назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ, ошкорбаёнии

ҳукумат, ҳисоботдиҳии он, низоми демократӣ ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар амалӣ ва тақвият меёбанд.

Ҳар як давлат дар пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар мақомоти давлатӣ муносибати худро дорад ва мустақилона чораҳо меандешад. Таҳлили чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар самти хизматрасониҳҳои электронӣ дар давлатҳое, ки то ҳол муваффақияти калон ба даст наовардаанд, барои ҳалли камбудиию норасоиҳои мавҷуда муҳим аст. Чунки таҷрибаи онҳо метавонад, давлатҳои дигар ва ҷомеаи ҷаҳонро аз хатогиҳое, ки аллакай дар амалҳои коррупсионӣ содир шуда буданд, огоҳ намояд. Сабақҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ дар пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар мақомоти давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷустуҷӯи танзими самараноки зидди коррупсия зарур аст, махсусан муҳим мебошанд.

Дар байни давлатҳое, ки дар мубориза бо коррупсия оид ба риояи низоми истифодабарии  хизматрасониҳои электронӣ муваффақ шудаанд, моделҳои мухталиф ҷой дорад. Чунин моделҳо дар кишварҳои Аврупои Шимолӣ ва Ғарбӣ муаррифӣ шуда, (махсусан, онро хуб пайгирӣ мекунанд дар кишвари Скандинавия), муассисаҳои давлатии Норвегия, Шветсия, Финляндия ва Дания низ, яке аз беҳтаринҳо дар ҷаҳон мебошанд. Онҳо аксар вақт принсипҳои давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Ба андешаи онҳо сиёсати зидди коррупсия дар самти хизматрасониҳои электронӣ ин рақобати озод дар иқтисодиёт, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши баланди ВАО дар инъикоси ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошад.

Ҳамчунин, робита ба ин, “Аврупои Шимолӣ” низ бо хусусияти хоси худ нақши фаъол дошта, дар ин самт мақомоти давлатӣ тавассути хизматрасониҳои электронӣ дар тақсимоти маблағҳо бо шаффофияти бештар тавассути ҳисоботдиҳии электронӣ дар назди ҷомеа муррарифӣ гардидаанд[8].

Дар маҷмӯъ, метавон таъкид кард, ки дар ҳама кишварҳое, ки бо коррупсия мубориза мебаранд, васеътарин васила ва усулҳо, аз ҷумла ҳамкории ҳамаҷонибаи зич бо сохторҳои дар фаъолияти зидди коррупсия асосёфта дар асоси системаи хуб андешидашуда истифода мешаванд, ки қонун, ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳӣ мебошад.

Ошкорбаёнии фаъолияти мақомоти давлатӣ, такмили механизми пешниҳоди арзу шикоят, яке аз самтҳои таъмини иштироки мардум дар пешгирии коррупсия мебошад. Барои ҷомеа воситаи асосии муқовимат ба коррупсия иттилоот аст, ки бо ёрии он таҳлили мустақили даромадҳо, хароҷот ва буҷети мақомоти давлатӣ, таҳлили маълумот дар бораи даромад ва хароҷоти шахсони мансабдор, муқоисаи ин маълумот бо воқеият, дар ҳолати зарурӣ ба мақомоти дахлдор ариза ё дархост пешниҳод намудан амалӣ карда мешавад. Шаффофияти мақомоти давлатӣ, таъмини шаҳрвандон ба гирифтани маълумоти зарурӣ масъулияти хизматчиёни давлатиро зиёд мекунад.

Аз ин лиҳоз, шаффофияти иттилоот, ворид кардани маводҳои зиддикоррупсионӣ ба курсҳои омӯзишӣ ва дастгирии давлат барои таълими зидди коррупсия, ба таҳияи стандарти байналмилалии рафтори зидди коррупсия мусоидат менамояд. Ин тадбирҳо дар якҷоягӣ бо саводнокии ҳуқуқӣ ва сиёсии шахс, калиди бунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки ҷомеа бо давлат самаранок ҳамкорӣ намоянд.

Дар ояндаи наздик чунин ба назар мерасад, ки ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ тадриҷан ба яке аз нерӯҳои асосии сиёсӣ табдил хоҳад ёфт, ки қодиранд ба коррупсия муқовимат нишон диҳанд. Бо вуҷуди ин, имрӯз он чунин нест. Рӯйдодҳои охир дар сиёсати ҷаҳонӣ (ташаннуҷи рӯзафзун, низоъҳои низомӣ, нақзи ҳуқуқи инсон ва ғайра) нишон медиҳад, ки ташаккули ҷомеаи ҷаҳонии шаҳрвандӣ равандест, ки дар даҳсолаҳои наздик тӯл мекашад.

Дар ин самт, дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки айният ва шаффофиятро зимни қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои идоравӣ, инчунин ҳамкории байниидоравии электронии мақомоти зикршуда бо шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар доираи низоми ҳукумати электронӣ, расонидани хизматрасонии давлатӣ ба миён меоварад, мебояд тақвият дод.

Инчунин, такмили шароит, расмиёт ва механизмҳои хариди давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи васеъ намудани амалияи гузаронидани музоядаҳо дар шакли электрониро ташаккул дода, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани ҳамаи пардохти хизматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ ва дигар

тадбирҳоро тавассути санадҳои қонунгузории амалкунанда, танзим ва мустаҳкам намудан ба манфиати кор аст.

Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки ислоҳот дар низоми бонкдории кишвар идома дода, ҷиҳати васеъ ҷорӣ намудани хизматрасонии электронӣ ва шаффофияти фаъолият назорати бонкӣ ва амалисозии мониторинги молиявӣ пурзӯр карда шавад.

Дар марҳалаи имрӯза бо истифода аз усулҳои "ҳукумати электронӣ" ҳарчи васеътар ҷорӣ намудани коргузорӣ ва ба сатҳи сифатан нав бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад.

Бо ин васила, ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронии босифати давлатӣ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми хизмати давлатӣ маҳсуб ёфта, татбиқи он метавонад ба танзими масъалаҳои мухталифи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва риояи қатъии интизоми иҷроия мусоидат намояд.

Хулоса, дуруст ба роҳ мондани низоми хизматрасониҳои электронии давлатӣ тавассути ҳукумати электронӣ, монеаҳои муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандонро сифатан ва миқдоран кам намуда, сатҳи пешрафт ва дараҷаи тараққиётро дар ҳар як давлат баланд ва омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро бартараф хоҳад намуд.

***Шарифзода Шарифбек Мурод***
***Сардори шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб***
***Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ***